11.Фозилов М. Фарњанги зарбулмасал, маќол ва афоризмњои тољикию форсї. - Душанбе: Ирфон. 1974.-234с.

## ТАРБИЯИ ХУДШИНОСӢ АЗ ДИДГОҲИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

***Қаюмова Феруза Абдувойитовна***
*номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии*
*МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*
*simin36@mail.ru mailto:nematova.1968@mail.ru*

Дар ҳақиқат, насли аз ҳар ҷониб мукаммал ва огоҳро тарбия намудан аз вазоифи муҳими ҷомеаи имрӯз ба шумор меравад. Зеро маҳз ҷавонон созандаи ҷомеаи мутамаддини оянда мебошанд. Яке аз роҳҳои беҳтарине, ки мардумро аз ҳар гуна хатарҳои моддиву маънавӣ наҷот мебахшад, ин рӯ овардан ба андешаҳо ва раҳнамоиҳои ниёгони худ, олимон ва ҳакимон, хоса адибони классикӣ ва муосир мебошад, ки эшон бо нигоҳи дурбинонаи худ роҳу равишҳои зиёди пешравии маънавӣ ва камолоти инсониро нишон медиҳанд. Суханварони классики мо дар намуди жанрҳои гуногуни адабӣ андешаҳои мушаххаси худро доир ба тарбияи инсони комил, огоҳ ва худшинос, инчунин омилҳое, ки барои амну осоиши мардум заруранд, дақиқназарона баён намудаанд. Бо сабаби таълифи мақолаи мазкур банда ба осори пурмӯҳтаво ва андешаҳои ҳакимонаи мутаффакири бузурги Машриқзамин, шоири барҷастаи асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ рӯ овардам ва барои тақвияти фикрҳои худ аз осори ин суханвари бузург мадад ҷустам. Зеро Абдураҳмони Ҷомӣ дар баробари олим ва адиби барҷастаи давр будан, яке аз нафарони пешрафтаву соҳибмақоми замони худ ва шахси огоҳ аз давлатдориву раъиятпарварӣ маҳсуб мeёфт. Дар осори шоир андешаҳои фаровонеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, барои бунёд сохтани ҷомеаи комилан иттифоқ, соҳибфарҳангу эмин аз ҳар гуна хислатҳои зиддиинсонӣ ҳидоят месозад.

Мо асосан ба достони "Хираднома Искандарӣ"-и Ҷомӣ такя намудем, ки яке аз маснавиҳои беҳтарини ахлоқии таркиби "Ҳафт авранг"-и шоир мебошад. Чи тавре ки дотсент М. Ӯрунова дар як мақолаи худ дар атрофи мазмун ва мундариҷаи ин достон муфассал сӯҳбат ороста, дар оғози андешаҳояш зикр менамояд, ки "... ҳарчанд перомуни достони мазбур пажӯҳишоти мухталиф анҷом пазируфтаанд(дар ин ҷо М. Ӯрунова ба корҳои дар ин мавзӯъ ба анҷомрасида ишора дорад – Қ. Ф.), аммо дар хусуси мӯҳтавои асар ва афкори ахлоқии Мавлоно Ҷомӣ дар он маълумоти комил

пайдо кардан ғайриимкон аст. Ҳол он ки суханвар дар асар бисёр “масъалаҳои фалсафӣ-таълимӣ ва ҳикмату ахлоқро пеш гузошта, онҳоро аз мавқеи гуманистӣ ҳал менамояд” (6, 22). Аз ин ҷиҳат, мо ба таҳлили баъзе андешаҳои Ҷомӣ дар мавриди мардумпарвариву адлу ҷуд ва худогоҳиву худшиносӣ, ки дар якҷоягӣ ба амну осоиши мардум мусоидат мекунанд, пардохтем.

Дар назари Ҷомӣ омили нахусти инсонӣ ва ҷамъияти солим ин соҳибдониш будан аст, ки шахсро аз хислатҳои зиёди манфӣ бозмедорад:

Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.
Зи дил сар занад сирри дониш нахуст,
Ки бар дасту по кор гардад дуруст (1, 262).

Дилатро ба донишварӣ дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш (1, 263).

Дар ҳақиқат, инсоне, ки соҳиби дониш аст ва дорои фарҳанги миллӣ аст, ҳаргиз ғофилона ва гумраҳона ба ҳар гуна тариқи бесамару бадоқибат рӯ намеоварад. Чунон чи имрӯз дар ҷаҳони муосир чандин гурӯҳҳои экстримистӣ, офатҳои нашъамандиву бадахлоқӣ ва мисли ин муаммоҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба рӯҳият, маънавият, эътиқод ва амнияти халқҳои ҷаҳон зарар мерасонанд. Мутаасифона, ин таъсирҳои пуросеби беруна дар кишвари мо низ беасар нест. Ҷавонони зиёди мо аз ҷиҳати ноогоҳӣ ва дониши кофӣ надоштан дар мавриди улуми диниву дунявӣ фирефтаи кӯшишҳои бадбинонаи қувваҳои беруна гардидаанд, ки пушаймонии онҳо пас аз даргузашти вақт бесуд хоҳад буд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар “Хирадномаи Искандарӣ” дар ин маврид чунин менависад:

Ҷаҳоне шуда з-ин бутон хоксор,
Бутонро ба он бутпарастон гузор.
Кун аз саҷдаи бут рухи хеш пок,
Агар дигаре бут парастад чӣ бок?
Ба дил ношуда майли дунёт сахт,
Бикаш аз ҳарими таманнош рахт.
Ба ибрат зи пешиниён ёд кун,
Дил аз ёди пешиниён шод кун(1, 284).

Ин порча ҳидоят бар он мекунад, ки ҳар нафаре, ки худшиносу худошиносу худогоҳ аст, ҳаргиз “бутпарастӣ”, яъне бегонапарастӣ намекунад. Ба арзишҳои миллии худ эҳтиром мегузорад ва бар зидди эътиқоди гузаштагонаш рафтори ношоистаро ба амал намеоварад. Он

ҷавононе, ки аз ноогоҳӣ ва ғофилии худ ба бегонапарастӣ даст заданд, яъне дар умеди маблағҳои бегонагон (шахсоне, ки дар зери ниқоби “ислом” бо ваъдаҳои пуч як қисм ҷавонони моро аз ватани осудаву соҳибистиқлоли худ берун карданд), хонаи ободи худро тарк карданд ва ба хидмати “дигарон” камар бастанд, “нафарони кӯре, ҳастанд, ки дар даст чароғ дораду роҳи ғайр равшан мекунанд, аммо худ аз рӯшноии он чароғ баҳраманд шуда наметавонанд”:

Чу аъмо, ки бошад чароғаш ба каф,
Фурӯғи чароғаш фитад ҳар тараф.
Бувад равшан аз вай раҳи дигарон,
Раҳи вай аз он рашванӣ баркарон.
Ба ҳар кас раҳи ошноӣ мапӯй,
Зи ҳар ошно рӯшноӣ маҷӯй (1, 285).

Айнан ҳамин гумроҳӣ халали ҷиддӣ ба амну осоиши мардум мерасонад ва аз “дуди сияҳ”-и он ба касе накӯӣ намерасад, ки ин масъала аз назари Ҷомӣ чунин арзёбӣ шудааст:

Зи гумкардараҳ раҳнамоӣ кӣ ёфт,
Зи дуди сияҳ рӯшноӣ кӣ ёфт.
Зи сарчашма чун талху шӯр ояд об,
Зи лабташнагон кай барад таффу тоб (1, 278).
Ё ҷои дигар менависад, ки:
Макун ҳамнишинӣ ба ҳар бадсиришт,
Ки дуздад аз ӯ табъи ту хӯи зишт (1, 285)

Дар ҳақиқат, амалҳое, ки бар мақсадҳои баду манфиатпарастӣ бунёд ёфтаанд, касро ҳаргиз ба рӯшноӣ намебарад ва боиси парокандагӣ ва торикии ақли мардум мегардад. Бояд ба нияту амали нек ба манфиати мардум хидмат намуд, зеро:

Гар ислоҳи халқи ҷаҳон боядат,
Дил аз ҳар бадӣ баркарон оядат.
Нашуста зи худ ҳарфи айб аз нахуст,
Зи ту айбшӯӣ наояд дуруст(1,278).

Мусаллам аст, ки дар тамоми осори Абдураҳмони Ҷомӣ раъиятпарварӣ ва адолатхоҳӣ дар мадди аввал меистад. Шоир хоса ононе ки мардумро сарварӣ мекунанд ва зиндагии мардум бо эшон сахт робита дорад, ба мардумнавозӣ раҳнамун месозад ва менависад:

Маяфган ба кори раият гиреҳ,
Худо он чӣ додат, ба эшон бидеҳ.
Тараҳҳум куну афву бахшиш намой,

Ки инҳо расидат зи фазли Худой (1, 278).
Садои хуш аст ин куҳан токро,
Ки адл аст маъмурӣ офокро(1, 246).
Ҳар он дил, ки аз адл ҷон парварад,
Куҷо рӯ  ба зулмоти зулм оварад(1,246).

Маснавии “Хираднома Искандарӣ”  ва “Искандарнома”-ҳои дигар низ маҳз ба  нийяту орзуи ботинии шоирони классикӣ ин буд, ки шоҳ бояд одилу оқил, саховатманду раиятпарвар бошад.  Хушбахтона, ин орзуву ормони деринаи мардум дар замони мо амалӣ гашт ва аз некӯиҳо ва раъиятпарварии подшоҳи воломақоми худ ҳамагон баҳраманду сарбаланд ҳастем:

Ки табъи шаҳ аз ҳар ғам озод бод,
Ба адлаш ҳама олам обод бод.

Дар маҷмӯъ, ҳама он порчаҳои шеърие, ки аз ин маснавии пурмӯҳтавои Абдураҳмони Ҷомӣ оварда шуд, барои тарбияи инсони комил ва такмили хислатҳои некӯи одамӣ роҳҳои хуби пурсамарро нишон медиҳад ва  мо - ҷавонони имрӯзаро боз ҳам огоҳтар месозад, то бо истифода аз ин имконоти мавҷуда,  корҳои шоистаеро дар ҷодаи илму фан, дар бунёди оила ва ҷомеаи ахлоқан солим  ба анҷом расонем. Хуб мешуд, ҷавонон, ва ҳатто волидайне, ки имрӯз насли хурдро ба воя расонида истодаанд, дар тарбияи  фарзандони хеш дар мавридҳои муносиб рӯ ба осори пурғановат ва пурҳикмати ниёгони худ оваранд ва ба ин восита дилбандони худро  ба худшиносиву комилӣ ва огоҳиву пешравии маънавӣ ҳидоят созанд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор (иборат аз ҳашт ҷилд, ҷ.5). –Душанбе: Адиб, 1988.-384 с.
2. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори  Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Дониш, 1980.
3. Паём –ҳидоятномаи миллат. Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. -200 саҳ.
4. Паёме ба сӯи зиндагии шоиста. Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.-56 саҳ.
5. Пешвои миллат – ҳадяи таърих ба тоҷикон. Хуҷанд: Нури маърифат, 2016.-64 с.
6. Ӯрунова М. Ҳикмати Мавлоно Ҷомӣ дар “Хираднома Искандарӣ”//Камоли Хуҷандӣ, №4(4), 2015. саҳ. 22-34